ШАРТНОМАИ №29/Л/07-26
барои тайёр намудани маҳсулоти илмию техникӣ

аз 21 июли соли 2026 ш. Душанбе

Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО Роғун» дар шахсияти директори Мудирият Ҷамилзода М.Ф., ки дар асоси Оинномаи Мудирият амал намуда, минбаъд «ФАРМОИШГАР» номида мешавад, аз як тараф ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АҲДИ БАРОДАРОН» дар шахсияти директори Ҷамъият Абдураҳмонзода К., ки дар асоси Оинномаи Ҷамъият амал намуда, минбаъд «ИҶРОКУНАНДА» номида мешавад, аз тарафи дигар, дар номбурди якҷоя «ТАРАФҲО», меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармони Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО Роғун» №60/Ф аз 21 июли соли 2026 «Дар бораи ғолиби озмун»-ро ба роҳбарӣ гирифта, нисбати хизматрасониҳои **«Наворбардориҳои топогеодезӣ, тадқиқоти геологӣ ва корҳои лоиҳакашӣ»** ба чунин мувофиқа расиданд.

1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1.«Фармоишгар» дар асоси моддаи хароҷотии «Наворбардориҳои топогеодезӣ, тадқиқоти геологӣ ва корҳои лоиҳакашӣ» супориш медиҳад ва «Иҷрокунанда» дар асоси супориши техникӣ иҷрои «Таҳияи лоиҳа ва аломатгузории ҳудуди минтақаи зериобшавандаи обанбори НБО Роғун дар тарози 1300м.а.с.б.»-ро ба зима мегирад.

1.2.Талабот ба маҳсулоти илмию техникӣ, ки мавзӯи шартномаи мазкур мебошад, дар супориши техникии аз тарафи ҷонибҳо мувофиқагардида (замимаи №1), дарҷ мешавад, ки қисми таркибии шартномаи мазкур мебошад.

1.3.Маҳсулоти илмию техникӣ, ки мавзӯи шартномаи мазкур мебошад, бояд ба талаботи ҳуҷҷатҳои дахлдори меъёрии амалкунанда мутобиқат намояд.

2. АРЗИШИ КОРҲО ВА ТАРТИБИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲО

2.1.Арзиши корҳо тибқи шартномаи мазкур **852450** (ҳаштсаду панҷоҳу ду ҳазору чорсаду панҷоҳ) сомониро бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда (14%) ташкил медиҳад.

2.2.«Фармоишгар» ӯҳдадор мегардад, ки бо дарназардошти оҷилан иҷро намудани таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-харҷномавӣ ва дастрас намудани аломатҳои гузошташаванда, ба миқдори 50%-и арзиши шартномаро пешпардохт намояд.

2.3.Арзиши шартномавии корҳои илмию техникӣ-харҷномавӣ дар шакли кушода боқӣ мемонад ва дар сурати тағйири нарх ва тарофаҳо барои мавод (масолеҳ), таҷҳизот, хизматҳои ташкилотҳои беруна ва дигар хароҷот, шартҳои пардохти меҳнати кормандони «Иҷрокунанда», инчунин дар мавриди қабули қонунҳои нав, баромадани амрҳо, қарору дигар санадҳои меъёрӣ имкон дорад дақиқ карда шавад.

2.4.Ҳисоббаробаркунии тарафҳо барои маҳсулоти илмию техникӣ ҳангоми иҷрои корҳои воқеӣ бо назардошти нархномаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда барои корҳои илмию техникӣ, инчунин бо назардошти коэффисиенти ҳисоби нархҳои ҷорӣ барои корҳои илмию техникӣ, ки аз тарафи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад.

2.5.Дар мавриди зиёд гардидани ҳаҷм ва арзиши корҳои воқеии иҷрогардида бо тартиби муқарраргардида шартномаи (созишномаӣ) иловагӣ баста мешавад.

3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

3.1.«Иҷрокунанда» ӯҳдадор аст:

3.1.1.Корҳоро дар асоси супориши техникӣ ва дигар маводи муқаддамотии аз тарафи «Фармоишгар» ҷиҳати корбарӣ тибқи шартнома додашуда иҷро намояд.

3.1.2Пешниҳод ва эродҳои «Фармоишгар»-ро оиди сифати маҳсулоти илмию техникӣ баррасӣ намуда, ба онҳо ҷавоб диҳад.

3.1.3.Ҳуҷҷатҳои илмию техникӣ ва ҷустуҷӯии таҳиянамударо дар назди мақомоти мақомоти дахлдори давлатӣ ҳимоя ва ҳуҷҷатҳои заруриро дастрас намояд.

3.1.4.Ба «Фармоишгар» барои мувофиқасозии зарурии маҳсулоти техникӣ дар мақомоти

назорати давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор кумак намояд.

3.1.5.Бо қувваи худ ва аз ҳисоби худ дар мӯҳлатҳои мусоид хатою нуқсонҳои дар маҳсулоти илмию техникӣ бо айби вай рӯйдодаро ислоҳ намояд.

3.1.6.Ҳуҷҷатҳои тайёри илмию техникӣ - харҷномавиро бо тартиби муқарраргардида ба миқдори 3 нусха дар шакли қоғазӣ ва 1 нусха намуди электронӣ дар шакли PDF ба «Фармоишгар» супорад.

3.1.7.Ҳуҷҷатҳои илмию техникиро бе розигии «Фармоишгар» ба шахсони сеюм надиҳад.

3.2.«Иҷрокунанда» ҳуқуқ дорад:

3.2.1.Ба «Фармоишгар» ҷиҳати қабул ва пардохт маводи байнифосилавиро пеш аз мӯҳлати пешбинигардидаи ҷадвали тақвимӣ фиристад.

3.2.2.Аз «Фармоишгар» иҷрои талаботи шартномаи мазкурро талаб намояд.

3.3.«Фармоишгар» ӯҳдадор аст:

3.3.1Ӯҳдадориҳоро дар асоси «Низомнома дар бораи фармоишгар» риоя ва иҷро намояд.

3.3.2.Ба «Иҷрокунанда» ҷиҳати иҷрои корҳои илмию техникӣ мусоидат намояд.

3.3.3.Ҳангоми додани ҳуҷҷатҳои байнифосилавӣ аз тарафи «Иҷрокунанда» дар мӯҳлати 5 рӯзи корӣ онҳоро тариқи санади байнифосилавии интиқолу қабули маҳсулоти техникӣ қабул ё бо раддияи асоснок пас гардонад.

3.3.4.Ба «Иҷрокунанда» баъди анҷом додани корҳо, дар асоси б.2.4. шартномаи мазкур дар мӯхлати 10 рӯзи корӣ корҳои қабулнамударо бо арзиши муқарраршуда пардохт намояд.

3.4.«Фармоишгар» ҳуқуқ дорад:

3.4.1.Ба «Иҷрокунанда» маҳсулоти илмию техникӣ-харҷномавиро барои ислоҳи хатою нуқсонҳо расман бо мактуб пас гардонад.

4. ТАРТИБИ СУПОРИДАН ВА ҚАБУЛИ КОРҲО

4.1. Супоридан ва қабули корҳо аз тарафи «Иҷрокунанда» ва «Фармоишгар» дар асоси супориши техникӣ ва талаботи шартномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

4.2. Феҳристи ҳуҷҷатҳои илмию техникӣ ва дигар асноде, ки барои ба расмиятдарорӣ ва супурдани «Иҷрокунанда» ба «Фармоишгар» заруранд, дар санадҳои қабул ва супоридан ё мактубҳои ҳамроҳ ирсолшаванда дарҷ мегарданд.

4.3. Ҳангоми додани маводи байнифосилавӣ «Иҷрокунанда» ба «Фармоишгар» санади байнифосилавии супоридан ва қабули маҳсулоти илмию техникиро мефиристад. Санади ниҳоии супоридан ва қабули маҳсулоти илмию техникӣ-харҷномавиро ҳангоми додани маҷмӯи пурраи онҳо аз ҷониби тарафҳо тартиб дода мешавад.

4.4. Бо хоҳиши «Фармоишгар» «Иҷрокунанда» нусхаҳои иловагии ҳуҷҷатҳоро аз меъёри зарурӣ бештар бо пардохти иловагӣ ба арзиши шартномавӣ барои маҳсулоти илмию техникӣ медиҳад.

4.5. «Фармоишгар» дар давоми 5 рӯзи пас аз гирифтани санади супоридану қабули марҳалаи кор ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳо ӯҳдадор аст, то ба имзо расидани санади қабулу супоридани маҳсулоти илмию техникиро пас гардонад ё раддияи асоснокшудаи қабули корҳоро равон намояд. Дар сурати асоснок рад намудан ҷонибҳо зимни таҳияи феҳристи иҷрои корҳо ва мӯҳлати иҷрои онҳо санади якҷоя тартиб медиҳанд.

4.6. Баробари ба итмом расидани мӯҳлати 5 рӯзаи дар б. 4.5. нишондодашудаи шартномаи мазкур ва мавҷуд набудани эрод (рекламация) аз ҷониби «Фармоишгар» маҳсулоти илмию техникӣ қабулгардида маҳсуб ёфта, дар асоси санади якҷониба дар мӯҳлати 5 рӯзи бонкӣ бояд маблағгузорӣ карда шавад.

4.7. Дар ҳолати аз тарафи «Иҷрокунанда» пеш аз мӯҳлат иҷро гардидани марҳалаи корҳо «Фармоишгар» ӯҳдадор мешавад, ки корҳои иҷрогардидаро пеш аз мӯҳлат дар асоси талаботи шартномаи мазкур қабул намояд ва бо нархҳои шартномавӣ дар мӯҳлати 10 рӯз маблағро пардохт намояд.

4.8. Дар мавриди дар рафти иҷрои корҳо пеш омадани натиҷаи манфӣ ё ба мақсад номувофиқи корҳо «Иҷрокунанда» ӯҳдадор аст иҷрои корҳоро қатъ намуда, дар мӯҳлати 2 рӯз хаттӣ «Фармоишгар»-ро огоҳ намояд. Ҷонибҳо ӯҳдадоранд, ки дар мӯҳлати 14 рӯз масъалаи ба мақсад мувофиқ будани идомаи корҳоро баррасӣ намуда, қарори муштарак қабул созанд.

4.9. Дар ҳолати қатъ гардидани корҳо (б.4.8.) маблағҳои харҷгардидаи воқеӣ барои корҳои

иҷрошуда тибқи харҷномаи аз ҷониби «Иҷрокунанда» пешниҳодшуда дар мӯҳлати 10 рӯз пардохт карда мешаванд.

4.10. Дар мавриди бо ташаббуси «Фармоишгар» сурат гирифтани манъ ва қатъи пурраи корҳо «Фармоишгар» вазифадор аст, хаттӣ «Иҷрокунанда»-ро аз ин амал огоҳ созад. Дар давоми 10 рӯзи корӣ пас аз гирифтани огоҳнома оиди манъ ё қатъи пурраи корҳо «Фармоишгар» ва «Иҷрокунанда» санади корҳои партовии пардохташавандаро таҳия месозанд ва маблағҳои харҷгардидаи воқеӣ барои корҳои иҷрошуда тибқи харҷномаи аз ҷониби «Иҷрокунанда» пешниҳодшуда пардохт карда мешавад.

5. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

5.1. Барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳо тибқи шартномаи мазкур «Фармоишгар» ва «Иҷрокунанда» тибқи қонунҳои амалкунанда ҷавобгаранд.

5.2. Баҳсҳои вобаста ба масоили хусусияти илмӣ-техникӣ дошта аз тарафи комиссияи ташхисии аз ҷумлаи намояндаҳои тарафҳои шартнома таъсисгардида ва бо ҷалби тарафи мустақил танзим карда мешаванд.

5.3. Дар ҳолати аз тарафи «Фармоишгар» бештар аз 15 рӯз ба таъхир гузоштани пардохти баъди итмоми мӯҳлати қабули маҳсулот, ӯ ба манфияти «Иҷрокунанда» дар ҳаҷми 0,03% барои ҳар як рӯзи батаъхирандозӣ, вале на зиёда 10% аз маблағи умумии маҳсулоти илмию техникӣ ҷарима пардохт менамояд.

5.4. Ҳангоми батаъхирандозии супоридани маҳсулоти илмию техникӣ аз тарафи «Иҷрокунанда» бештар аз 15 рӯз, ӯ ба манфиати «Фармоишгар» дар хаҷми 0,03% барои ҳар як рӯзи батаъхирандозӣ, вале на зиёда 10% аз маблаги умумии маҳсулоти илмию техникӣ ҷарима пардохт менамояд.

5.5. Пардохти ҷаримаҳо тарафҳоро аз иҷрои ӯҳдадориҳои гирифтаашон озод намесозад.

5.6. «Иҷрокунанда» барои амалҳо ва камбудиҳои паймрекорони фаръӣ ва мушовирони ҷалбгардида пурра ҷавобгар мебошад.

6. ТАРТИБИ БАРРАСИИ БАҲСҲО

6.1. Тарафҳо ҳама гуна баҳсу нофаҳмиҳое, ки дар заминаи шартномаи мазкур пеш меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал мекунанд.

6.2. Дар мавриди ба мувофиқа нарасидани тарафҳо баҳсу қазияҳое, ки аз шартномаи мазкур бармеоянд, ба василаи Суди олии иқтисодӣ баррасӣ ва ҳал мегарданд.

6.3. Мӯҳлати дида баромадани даъвои хаттӣ, 7 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани чунин мактуб аст.

7. ТАҒЙИРОТ ВА ҚАТЪИ ШАРТНОМА

7.1. Тағйирот ба шартнома танҳо бо розигии хаттии тарафҳо ворид карда мешавад.

7.2. Агар дар ҷараёни сохтмон зарурати ислоҳи ҳуҷҷатҳои илмию техникӣ пеш ояд, тарафҳо сабаби онро муайян менамоянд. Зарурати ислоҳи ҳуҷҷатҳои илмию техникӣ бо айби «Иҷрокунанда» рух дода бошад, дар ин сурат вай ислоҳотро бе пардохти иловагӣ иҷро менамояд.

7.3. Дар сурати дар рафти кор тибқи шартнома пеш омадани зарурати воридсозии тағйирот ё илова ба шартҳои он, аз ҷумла дар супориши техникӣ, иҷрои корҳо ва дигар маводи муқаддамотӣ, ислоҳи маҳсулоти илмию техникии қабулнамудаи «Фармоишгар» ё дигар сабабҳои аз «Иҷрокунанда» вобастанабуда, инчунин ҳангоми тағйири омилҳои нархгузорӣ, ба шартнома бо назардошти хароҷоти «Иҷрокунанда» тавофуқномаи иловагӣ тартиб дода мешавад.

Ҳамаи хароҷоти вобаста ба ин бобро, яъне б. 7.3.-ро «Фармоишгар» пардохт менамояд.

7.4. Амали шартномаи мазкур имкон дорад бо розигии хаттии «Фармоишгар» ва «Иҷрокунанда» қатъ карда шавад. Дар ин сурат дар мӯҳлати 10 рӯз тарафҳо оиди пардохтҳои тарафҳо ва ҷуброни маблаги корҳои анҷомёфта қарор қабул мекунанд.

7.5. «Фармоишгар» ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ дар сурати беасос дароз намудани мӯҳлати иҷрои кор аз тарафи «Иҷрокунанда», ҳангоми таъмин накардани талаботи вобаста ба сифати маҳсулоти илмию техникӣ, инчунин қатъи иҷозатномаи «Иҷрокунанда» барои фаъолияти корӣ, шартномаро бекор созад.

7.6. «Иҷрокунанда» ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ дар сурати таъхир ё рад намудани «Фармоишгар» аз пардохти корҳоои иҷронамуда ё ба вай дар вақти муқарраршуда пешниҳод

накардани шартҳои техникӣ шартномаро бекор намояд.

7.7. Дар мавриди якҷониба бекор кардани шартнома тарафи ташаббускор ӯҳдадор аст ба тарафи дигар оиди азми қатъ намудани амали шартнома огоҳнома ирсол намояд. Агар халалдоршавии иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ баъди 10 рӯзи гирифтани огоҳнома идома ёбад, тарафи ташаббускор огоҳномаи такрорӣ ирсол менамояд. Агар амали иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои шартномавӣ баъди 10 рӯзи гирифтани огоҳномаи такрорӣ идома ёбад, тарафи ташаббускор ҳуқуқ дорад ба тарафи гунаҳкор қарор оиди бекорсозии шартнома ва қатъи амали онро фиристад.

7.8. «Иҷрокунанда» барои зарари расида, ки бо сабаби муваққатан боздоштани кор бо огоҳсозӣ тибқи тартиби ҷорӣ ба амал омада ва ба қатъи шартнома боис шудааст, ҷавобгар намебошад.

7.9. Амали шартнома имкон дорад аз тарафи «Фармоишгар» қатъ карда шавад дар сурате ки агар кор дар иншоот барои доимӣ қатъ шуда бошад. Дар ин маврид «Фармоишгар» ӯҳдадор аст, ки на дертар аз 30 рӯз «Иҷрокунанда»-ро огоҳ намояд.

7.10. Дар мавриди қатъи шартнома бе айби «Иҷрокунанда» «Фармоишгар» ӯҳдадор аст, ки хароҷоти «Иҷрокунанда»-ро дар доираи корҳои иҷронамуда дар 5 рӯзи корӣ пардохт намояд.

7.11. Ҳамаи муқаррароти шартномаи мазкур барои ворисон ва намояндагони қонунии «Фармоишгар» ва «Иҷрокунанда» ҳатмист.

7.12. Тарафҳо дар мавриди аз ҷониби яке аз онҳо иҷро нагардидани талаботи шартномаи мазкур ҳуқуқи қатъи якҷонибаро доранд.

8. ҲОЛАТҲОИ ҚУВВАИ МУҚОВИМАТНОПАЗИР (ФОРС-МАЖОР)

8.1. Тарафҳо барои қисман ё пурра иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ танҳо дар ҳамон маврид аз ҷавобгарӣ озод мешаванд, агар онҳо исбот намоянд, ки ба таври дахлдор иҷро накардани уададориҳо бо сар задани ҳолатҳои қувваи муқовиматнопазир, яъне ҳолатҳои фавқулодда ва рафънашаванда вобаста буд.

8.2. Дар ин гуна маврид оиди ҳолатҳои қувваи муқовиматнопазир тасдиқи расмии ташкилотҳои салоҳиятнок зарур аст.

8.3. Тарафе, ки имконияти иҷро намудани ӯҳдадориҳои шартномавиашро надорад, фавран тарафи дигарро на дертар аз 3 (се) рӯзи корӣ пас аз оғозу анҷоми ҳолатҳои дар боло зикргардида ба таври хаттӣ огоҳ намояд. Саривақт хабар надодан аз ҳолатҳои қувваи муқовиматнопазир Тарафи дахлдорро аз ҳуқуқи озод шудан аз иҷрои ухдадориҳои Шартномавӣ бо сабабҳои ҳолатҳои зикргардида маҳрум месозад.

8.4. Мӯҳлати амали шартнома вобаста ба мӯҳлати амали ҳолатҳои қувваи муқовиматнопазир тамдидшуда ҳисобида мешавад.

9. МӮҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

9.1. «Иҷрокунанда» корҳои дар банди 1-и шартномаи мазкур зикрёфтаро дар мӯҳлати 2 (ду) моҳ аз лаҳзаи имзои шартнома иҷро менамояд.

9.2. Шартномаи мазкур аз рӯзи имзо эътибор пайдо мекунад.

9.3. Мӯҳлати анҷоми шартномаи мазкур бо таърихи анҷоми ҳисоббаробаркунии «Фармоишгар» ва «Иҷрокунанда» муқаррар карда мешавад.

10. ШАРТҲОИ ДИГАР

10.1. Мӯҳлати оғози кор рӯзи воридшавии маблағи пешпардохт ба суратҳисоби «Иҷрокунанда» ва пешниҳоди шартҳои техникӣ барои корҳои илмию техникӣ (б.3.3.3.) ҳисоб меёбад. Ҳангоми муроҷиати хаттии «Иҷрокунанда» оиди пешниҳоди маълумоти муқаддамотӣ барои корҳои илмию техникӣ чунин маълумот дар муҳлати на камтар аз 10 рӯзи тақвимӣ аз тарафи «Фармоишгар» пешниҳод карда мешавад.

10.2. Дар сурати риоя нагардани мӯҳлатҳои муайяннамудаи шартномаи мазкур барои воридоти пешпардохт ба суратҳисоби «Иҷрокунанда» ва пешниҳод накардани маводи аввалия барои корҳои илмию техникӣ (шартҳои техникӣ) аз тарафи «Фармоишгар» мӯҳлати оғоз ва анҷоми корҳо, ки тибқи нақшаи тақвимӣ муайян гардидаанд ба вақти дигар гузаронида, аз нав бо назардошти имконоти истеҳсолии «Иҷрокунанда» муайян карда мешаванд.

10.3. Дар мавриди аз тарафи «Фармоишгар» дар рафти корҳои илмию техникӣ ворид карда шудани, тағйирот ба супориши техникиӣ ё маълумоти аввалия, «Иҷрокунанда» ҳуқуқ дорад,

мӯҳлати иҷрои корро тағйир дода барои корҳои иҷрошуда маблағ ва аз сари нав таҳия намудани ҳуҷҷатҳои шартномавиро талаб намояд.

10.4. «Фармоишгар» ҳуқуқи бе розигии «Иҷрокунанда» ворид намудани тағйиротро ба ҳуҷҷатҳои илмию техникӣ надорад.

10.5. Шартномаи мазкур дар се нусхаи аслӣ тартиб дода як нусхагӣ барои тарафҳо ва як нусха барои Воҳиди харид пешбинӣ шудааст. Ҳамаи нусхаҳо дорои қувваи баробари ҳуқуқӣ мебошанд.

10.6. «Фармоишгар» вазифадор аст, ки шартномаи мазкурро дар мӯҳлати 5 рӯз баррасӣ ва таҳия карда бо мактуб ба «Иҷрокунанда» равон намояд.

10.7. Тарафҳо махфияти маълумоти ба шартнома алоқамандро, ки ба он ҳамагуна маълумоти ба ҳамдигар додашаванда метавонад дохил бошад ва оиди махфияти онҳо мувофиқа шуда бошад, таъмин карда ифшо намесозанд, нашр намекунанд ва пурра ё қисман ин маълумотро ба манфиати шахси сеюм бе мувофиқаи пешакии тарафи дигар манзур наменамоянд.

10.8. Ба шартномаи мазкур замима мегарданд:

- супориши техникӣ (замимаи № 1);
- нақшаи тақвимии кор (замимаи №2);
- суратмаҷлиси мувофиқасозии нархи шартнома (замимаи №3);
- харҷномаи ҷамъбастӣ
- маҷмӯи харҷномаҳо.

11. РЕКВИЗИТҲОИ ТАРАФҲО

ФАРМОИШГАР	ИҶРОКУНАНДА
МД «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и Роғун»	ҶДММ «АҲДИ БАРОДАРОН»
Ҷумҳурии Тоҷикистон,	ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 30/1
ш.Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1	с/ҳ 20202972980800004119
с/ҳ 20204972111010100001	ҳ/к 20402972418081
ҳ/к 22402972000002	КИБ 350501808 дар ҶСП «Спитамен Бонк» шаҳри Душанбе, Тоҷикистон
КИБ 350101800 РМА 020034404	РМА 030036453
дар Раёсати хазинадории Вазорати молияи ҶТ	
_____М.Ҷамилзода	_____К.Абдураҳмонов
Ҷ.М.	Ҷ.М.